# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046
дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба кори диссертатсионии Исматдинов Алишер Муҳамадович дар мавзӯи “Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

**Парвандаи аттестатсионии №____**
Қарори Шурои диссертатсионӣ
аз “6” майи соли 2023, №6

**“Оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Исматдинов Алишер Муҳамадович”.**

Диссертатсияи Исматдинов Алишер Муҳамадович дар мавзӯи “Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ), дар ҳуқуқи дастнавис барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ барои ҳимоя санаи 24.02.2023 сол, суратҷаласаи №13 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» воқеъ дар суроғаи 735700, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1) ба ҳимоя қабул карда шудааст. (Фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №124 аз 31 марти соли 2022).

Мавзӯи кори диссертатсионии Исматдинов Алишер Муҳамадович дар маҷлиси Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров тасдиқ шудааст. (Протоколи №9 аз 02.04.2018 ва протоколи № 6 аз 30.01.2020 с. бо иловаи тағйирот ба номи мавзуъ). Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи педагогикаи умумӣ ба ҳимоя тавсия гардидааст (протоколи №6 аз 27.01.2023 с.)

**Роҳбари илмӣ:** Азизов Абдулатиф Абдуҳалимович - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технология ва методикаи таълими они МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

## МУҚАРРИЗОНИ РАСМӢ:

**Холназаров Санг** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**Ҳоҷибоев Далерҷон Дадоевич** - номзади илмҳои техникӣ, дотсент, мудири кафедраи экологияи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон.

## МУАССИСАИ ПЕШБАР

**Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон** дар тақризи худ аз 04.04.2023, суратмаҷлиси №8, ки онро мураттиби тақриз – номзади илмҳои педагогӣ, муовини директор оид ба корҳои илмӣ дотсент Туронов С.Ш., коршинос, муқарриз, номзади илмҳои педагогӣ дотсент Махкамов Д., роҳбари семинари илмӣ-методӣ, номзади илмҳои педагогӣ Лутфуллозода П.М. ва котиби ҷаласа Тоҳириён Ш.А. имзо карда, директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, дотсент Наҷмиддиниён Асадулло Мирзо тасдиқ карда, ба диссертатсия баҳои мусбат дода, қайд кардааст, ки таърихи ҷомеаи башарӣ оғоз аз ҷомеаи ибтидоӣ то ба қарни тараққиёти босуръати техника ва технологияи пешрафта ба муҳити зист ва биологӣ, дар маҷмӯъ ба табиат робитаи ногусастанӣ дорад.

Инсон ҷузъи табиат буда, дар он ташаккул ёфтааст ва сарвату боигарии онро аз худ намуда, фарҳанги муносибати дуруст ба табиатро гиромӣ медорад. Ҳоло инсоният дар муносибати “Одам - табиат” мавқеи назаррас дошта, торафт табиатро амиқтар аз худ намуда, онро ба таҳаввулоти азим, ки барои инсон ва ҷомеа дар тараққиёти дарозмуддат зарур аст, дучор меояд.

Рисолаи илмии Исматдинов Алишер Муҳамадович кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомнома “Оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ»-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Диссертант аз рӯи мавзӯи диссертатсия 14 мақолаи илмӣ интишор намудааст, ки аз он 6 мақола дар нашрияҳои тақризии бонуфузи аз ҷониби Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия тавсияшуда, 1 комплекси таълимӣ методӣ аз фанни Экология бо забонӣ русӣ ва 1 дастури таълимӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ доир ба “Асосҳои ташаккули фарҳанги экологӣ (дар мисолаи фанни Асосҳои истеҳсолот)” аз чоп баромадаст.

### Интишороти муҳимтарини муаллиф доир ба мавзӯи тадқиқшаванда:


[1-М]. **Исматдинов А.М.** Основные направления экологического образования студентов специальности «технология» // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал) - №4. Серия гуманитарных наук. – Душанбе: -2019. - С. 303-307.

[2-М]. **Исматдинов А.М.,** Азизов А.А. Экологическое образование студентов специальности «Технология» // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал) - №1. Серия гуманитарных наук. – Душанбе: -2019. - С. 280-284.

[3-М]. **Исматдинов А.М.,** Неъматов Л.Х. Формирование экологического образования и воспитания учащихся // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава №1-3 (65). Серия гуманитарных и экономических наук. – Бохтар: 2019. – С. 117-120.
[4-М]. **Исматдинов А.М.** Муаммоҳои асосии экологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ [Матн] / А.М.Исматдинов // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. ISSN 2077-4990. - №3 (72), ш. Хуҷанд, 2022 с. С. 226-232.
[5-М]. **Исматдинов А.М.** Проблемаҳои экологӣ, ҳамчун муаммои соҳаи маориф ва ҳалли он [Матн] / **А.М.Исматдинов** // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. №4 (73), ш. Хуҷанд, 2022 с. С. 220-226.
[6-М]. **Исматдинов А.М.** Ташаккули маданият ва тарбияи экологии хонандагон дар омодагии касбии муаллимони оянда [Матн] / **А.М.Исматдинов** // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Серияи 2. Педагогика ва психология, методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ ва табиатшиносӣ. ISSN 2708-5759. - №2 (12) Душанбе - 2022. С. 236-240.

Ба **автореферати диссертатсия тақризҳо** аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудааст:

**Тақризи 1.** Аз доктори илмҳои техникӣ, профессор, директори Филиали Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Назаров Холмурод Марипович;**

**Тақризи 2.** Аз доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи психологияи умумӣ ва педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **Маҷидова Б.;**

**Тақризи 3.** Аз доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон **Мирзоев Абдуазиз Раҷабович;**

**Тақризи 4**. Аз доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика, равоншиносӣ ва методикаи фанни Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев **Булбулов Ҷумъа.**

**Тақризи 5.** Аз номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забони давлатӣ ва ҷомеашиносии Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд **Темирова Х.И.**

**Тақризи 6**. Аз номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русии МДТ “Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд” **Манонова Р.А.**

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар** дар асоси қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046, аз «24» феврали соли 2023, №13 мувофиқи талаботи Низомнома “Оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ»-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Тибқи натиҷаи ҳимояи кушод шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

- дар таҳқиқот аҳамият, сохтор ва мундариҷаи фарҳанги экологии омӯзгориояндаи технология (таълими меҳнат) тавассути равишҳои фарҳангӣ ва аксиологӣ ошкор шудаанд;
- амсилаи раванди ташаккули фарҳанги экологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ барои омӯзгорониояндаи фанни технология (таълими меҳнат) дар раванди таълим пешниҳод карда шудааст;
- тавсифи илман асоснокшудаи ҷанбаи мундариҷавии фанни интихобии «Асосҳои ташаккули фарҳанги экологӣ» пешниҳод карда шудааст;
- меъёр ва нишондиҳандаҳои самаранокии раванди ташаккули фарҳанги экологӣ дар байни омӯзгорониояндаи фанни технология (таълими меҳнат) муайян карда шуданд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок шудааст, ки дар он:** шароити дидактикии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорониояндаи технология дар раванди таълим дар муассисаҳои таълимии олӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст.

**Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот дар он аст, ки:** муқаррароти асосии рисола дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи умумии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» муҳокима шудаанд, дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ дар шакли маърӯза, инчунин дар мақолаҳои дар маҷаллаҳои байнисоҳавӣ, маҷмӯаҳои илмии донишгоҳ ва матбуоти даврӣ чопшуда пешниҳод шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар амалия барои омода кардани омӯзгорониояндаи фанни технология дар МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ истифода гардиданд. Лоиҳаи «Тарҳрезии манзараи муассисаи таълимӣ» ва дар асоси таҳияи фанни интихобии ихтисоси технология «Асосҳои ташаккули фарҳанги экологӣ (дар мисоли фанни Асосҳои истеҳсолот)» амалӣ гардид.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки** барномаи фанни интихобии «Асосҳои ташаккули фарҳанги экологӣ» ва як қатор лоиҳаҳои эҷодии самти экологӣ тартиб дода шуданд. Тамоми воситаҳои мушоҳидаи дидактикии раванди ташаккули фарҳанги экологӣ (супоришҳои ташхисӣ ва инкишофдиҳандаи сатҳҳои гуногун, бозиҳо бо нақшҳои корӣ, захираҳои интернетӣ, рефератҳо), ки дар шароити амалия озмуда шудаанд, тартиб дода шудаанд. Маводҳои таҳқиқотӣ метавонанд ҳангоми тартиб додани мундариҷаи таълими экологии донишҷӯёне, ки дар ихтисосҳои педагогии дигар таҳсил мекунанд, истифода шаванд.

**Саҳми шахсии диссертант** дар таҳлили адабиёт марбут ба мавзӯи рисола, пешниҳоди масъалаи таҳқиқотӣ, иштироки бевосита дар озмоиш, тартиби коркарди усулҳои тавсияшуда аз ҷониби муаллифи рисола ошкор шудаанд. Таҷриба аз нуқтаи назари педагогӣ асоснок карда шуда, моҳиятан ба

ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорониояндаи технология (таълими меҳнат) нигаронида шудааст. Ба таври кофӣ самарабахшии он собит карда шуда, дар раванди ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорониояндаи технология (таълими меҳнат) метавонад васеъ истифода шавад.

Дар диссертатсия масъалаҳои асосии **ҳадафҳои таҳқиқот**, яъне пешниҳоди асосҳо ва санҷиши амалии асосҳои назариявӣ ва маҷмӯи шартҳои дидактикии баланд бардоштани самаранокии ташаккули асосҳои фарҳанги экологӣ барои омӯзгорониояндаи фанни технология (таълими меҳнат) дар раванди таълими муассисаҳои таълимии олӣ дида баромада шудаанд.

Аз ҷиҳати мазмун диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мутобиқат мекунад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 10 нафар, аз онҳо 8 нафар доктори илм, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда 4 нафар, чунин натиҷагирӣ шуд:

тарафдори додани дараҷаи илмӣ - 10 нафар,

муқобили додани дараҷаи илмӣ –нест,

бюллетенҳои беэътибор –нест.

Шурои диссертатсионӣ дар маҷлиси худ аз санаи 6 майи соли 2023 ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Исматдинов Алишер Муҳамадович дар мавзӯи “Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорониояндаи технология (таълими меҳнат)” кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомнома «Оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ»-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ гардидааст, комилан ҷавобгӯй мебошад ва дар ин замина

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Ҳимояи такрории Исматдинов Алишер Муҳамадович дар мавзӯи “Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорониояндаи технология (таълими меҳнат)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) баъди ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта бо назардошти муҳлати муқарраргардида, ки Низомномаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, ба инобат гирифта шавад.

2. Дар асоси овоздиҳии пинҳонии аъзоёни Шуро (“тарафдор”-10, “зид”-нест, “бюллетенҳои бекоршуда”-нест), диссертатсияи Исматдинов Алишер Муҳамадович дар мавзӯи “Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорониояндаи технология (таълими меҳнат)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) ба талаботи пешгузоштаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй ҳисобида шавад.

3. Хулосаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-046 дар назди МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" дар мувофиқа бо Низомнома «Оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ»-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ гардидааст, қабул карда шавад (матни хулосаи Шӯро оид ба ҳимояи такрории диссертатсияи Исматдинов Алишер Муҳамадович замима мешавад).

4. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки хулосаи Шуроро тасдиқ намояд ва ба Исматдинов Алишер Муҳамадович дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дода шавад.

**Раисикунандаи Шурои диссертатсионии**
**6D.КОА-046 - и назди МДТ**
**"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"**
**д.и.п., профессор** **Исломов О.А.**

**Котиби илмии**
**Шурои диссертатсионии**
**6D.КОА-046 - и назди МДТ**
**"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"**
**д.и.п., дотсент** **Абдуллоева М.А.**

**06.05.2023 с.**